Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 079–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Чи тавре ки аз таҷрибаҳои равандҳои сиёсии муосир бар меояд, дар интернет имрӯз тамоюли инҳисор ва кӯшиши сохтани фазои ягонаи ҷаҳонӣ ва аз як марказ идорашавандаи виртуалӣ ба мушоҳида мерасанд. Солҳои охир ба низоми фаъолияти сиёсии байни ҷомеа ва элитаҳои сиёсӣ ворид шудани абзорҳои муосири иртиботӣ, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани тағйироти амиқ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии баъзе аз кишварҳои олам шудааст, ки аксар вақт таъсирашон ҳудудҳои миллиро бидуни монеа убур менамоянд. Чунин ҳолат агар аз як ҷиҳат бартарии имкониятҳои воситаҳои муошрати сиёсиро дар шароити имрӯза ба намоиш гузорад, аз тарафи дигар, тадриҷан эътимодро оид ба холисии фанновариҳои иттилоотии муосир дар идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеа коҳиш медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертант Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич ба масъалаи муҳим ва саривақтии илми сиёсатшиносӣ – нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ бахшида шудааст. Дар замони муосир, ки фазои иттилоотӣ бо суръат рушд мекунад ва шаклҳои нави иртиботи байни давлат ва ҷомеа ташаккул меёбанд, омӯзиши коммуникатсияи сиёсӣ аҳамияти назаррас касб мекунад. Муаллиф тавонистааст бо таҳлили амиқи назариявию методологӣ ва арзёбии паҳлӯҳои гуногуни амалӣ, нақши калидии коммуникатсияи сиёсиро дар тақвияти идоракунии сиёсӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ нишон диҳад. Қайд карда шудааст, ки гардиши ҷаҳонии иттилоот, ки воқеиятҳо ва муҳтавои иҷтимоию сиёсиии ҷаҳони муосирро аз бунёдаш тағйир доданд, таъсири худро ба ивазшавии шакл, метод ва навъи

коммуникатсияи сиёсӣ низ расониданд. Дар чунин шароит масъалаи гуфтугӯ, муносибат, додугирифт, фазои коммуникатсионӣ, идоракунии коммуникатсионӣ ба масъалаҳои аввалиндарачаи илмҳои ҷомеашиносӣ ворид шуданд. Коммуникатсияи сиёсӣ вобаста ба ҳамаи ин равандҳо, бояд мавриди таҳлилу баррасии васеъ қарор дода шавад.

Муаллиф дар тащқиқоти худ як қатор андешаҳои нави назариявӣ ва амалиро пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, яке аз навгониҳои муҳим ин таҳлили ҳамаҷонибаи таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва интернет ба равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад. Нақши ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои муосири иттилоотрасонӣ ҳамчун унсурҳои муҳими идоракунии сиёсии муосир ба таври амиқ таҳлил шудаанд. Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, муаллиф тавонистааст шаклҳои нави коммуникатсияи сиёсиро дар шароити Тоҷикистон муайян созад ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки мураккабии равандҳои имрӯзаи ҳаёти сиёсии ҷомеа вобаста аст, ки дар баробари тақвияти иртиботи байни объекту субъектҳои сиёсӣ, инчунин зарурати тақвияти қобилияти посухгӯйии онҳо ба ҳамлаҳои иттилоотӣ ва амалҳои тахрибкории қувваҳои манфиатнок ва ғайра меафзояд.

Таҳқиқот дар асоси як қатор усулҳои илмии таҳлили – системавӣ, мантиқӣ, таърихӣ, муқоисавӣ ва сохторию вазифавӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф ба таври васеъ аз сарчашмаҳои илмии дохилию хориҷӣ, маълумотҳои оморӣ ва қонунгузории Тоҷикистон истифода кардааст. Ҳамаи натиҷаҳои пешниҳодшуда дар асоси далелҳои воқеӣ асоснок шудаанд ва ба эҳтиёҷоти илми муосири сиёсатшиносӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар диссертатсия андешаҳои муҳаққиқони гуногуни хориҷию ватанӣ оид ба омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои коммуникатсияи сиёсӣ, консепсияҳои коммуникатсионии сиёсат ва идоракунии сиёсӣ оварда шудаанд. Ҳамзамон, анъанаҳои арзишманд ва бисёрасраи тадқиқотиро, ки ба масъалаи иттилоот бахшида шудаанд, қайд гардидааст. Муаллиф коммуникатсияи сиёсӣро ҳамчун бахши муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ баррасии васеи илмию назариявиро нишон дода, хусусан, нақши технологияҳои нави иттилоотӣ, интерент ва унсурҳои дигари коммуникатсия дар татбиқи коммуникатсияи сиёсӣ диди нави таҳқиқотиро зарур шумоидааст. Аз ин лиҳоз, рисолаи илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда муҳим дар илмҳои сиёсатшиносии ватанӣ мебошад.

Диссертатсия аз лиҳози сохтор, мазмун ва услуб мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ таҳия шудааст. Он аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳар як боб дорои масъалагузории мушаххас, ҳадафҳои возеҳ ва натиҷаҳои дақиқ мебошад. Забон ва услуби баён равон ва илмӣ буда, ба хонанда имконият медиҳад, ки моҳияти мавзуи таҳқиқотро пурра дарк намояд.

Мавзӯи рисола ба шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пурра мутобиқ буда, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои тадқиқотӣ метавонанд дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати иттилоотии давлатӣ, модернизатсияи низоми идоракунии давлатӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода шаванд. Хулосаҳои таҳқиқот барои соҳаҳои сиёсати давлатӣ, илм, маориф ва ВАО муҳим мебошанд. Қобили зикр аст, ки рисолаи мазкур дар таҷрибаи корҳои тадқиқотии ватанӣ яке аз рисолаҳое мебошад, ки ба омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявию амалии коммуникатсияи сиёсӣ, шаклҳо ва усулҳои амалишавии он дар ҷомеа, таъсири унсурҳои он ба раванди идоракунии сиёсӣ бахшида шудааст.

Дар замони муосир аслан идоракунии сиёсӣ бо истифода аз воситаҳои коммуникатсионие амалӣ карда мешаванд, ки роҳҳои гуногун ба афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Новобаста аз он ки падидаи идоракунии сиёсӣ мафҳум ва моҳияти ба худ хосро соҳиб аст, дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ он бештар аз ду ҷиҳат бо ҳам алоқаманданд, ки ин ҳам бошад, сиёсат ва идоракунӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Авторефератӣ пешниҳодшуда мазмун ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ хулоса кардан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ, аз рӯйи ихтисосӣ 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Дар қатори муваффақиятҳо дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасанд. Ҳамзамон хуб мешуд агар назари донишмандони ватанӣ бештар таҳлил мегардид. Эродҳои гуфташуда ба арзиши илмӣ  ва мазмуни автореферат таъсир намерасонад ва онҳо ҳамчун пешниҳод барои оянда мебошанд.

Дар маҷмуъ, метавон зикр намуд, ки диссертатсияи таҳиякардаи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич таҳти унвони «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ ҷомеа», кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ комилан ҷавобгӯй мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино _______________ Амонзода С.Б.

Имзои С.Б. Амонзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино _______________ Сафаров Б.И.

28.05.2025

**Суроғаи муқарриз:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, куч. Сино 29-31.
Тел: (+992 - 37) 446-600-3977, 235-34-96
E-mail: info@tajmedun.tj